# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ КУРСИ МАХСУСИ РОҲБАРОНИ ИТТИҲОДИЯҲОИ МЕТОДИИ ОМӮЗГОРОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Душанбе - 2023

Бо қарори шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз 30.11.2023, №11/16 тасдиқ шудааст.

**Мураттибон:**

**Наҷмиддинниён Абдусатор** – муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи ДҶТИБКСМ

**Раҳматшоев Исфандиёр** – мудири кафедраи иқтисод ва идораи ДҶТИБКСМ.

**Муқарризон: М. Бобоева**, мудири шуъбаи таҳсилоти томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ

**М. Азизова,** сармутахассиси МҶТМ

**Муҳаррир: Шердилова Сурайё -** омӯзгори калони кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маориф

Барномаи таълимии мазкур бо дарназардошти дастовардҳои педагогии ба дастомада, таҳлилҳо,назария ва амалияи муосири педагогӣ ва истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ бо мақсади баланд бардоштани маҳорати касбии роҳбарони иттиҳодияҳои методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ таҳлил гардидааст.

Барнома барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси роҳбарони иттиҳодияҳои методии омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешбинӣ гардидааст.

# ПЕШГУФТОР

Барномаи таълимӣ барои курсҳои такмили ихтисоси роҳбарони иттиҳодияҳои методии омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар ҳаҷми 36 соат (танҳо барои тахассус) таҳия шудааст.

Барномаи таълими мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф ва илми ҶТ” (2013с), Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома ва Оинномаи МДДҶТИБКСМ, Низомномаи намунавии муассисаҳо таҳсилоти умумӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти таҷрибаи пешқадами кишварҳои дигар таҳия гардидааст.

Мақсади асисии барнома - баланд бардоштани маҳорати касбии роҳбарони иттиҳодияҳои методии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тавассути ошноӣ бо дастовардҳои нави илмии соҳа, роҳу усулҳои нави таълим, истифодаи тарзҳои нави инновтсионии таълим ва ташкили фаъолияти иттиҳодияҳои методии муассиса дар шароити кунунӣ бо назардошти навгониҳои соҳа ва вусъат бахшидан ба расонидани кӯммаки методӣ бо роҳҳои роҳбаладӣ (менторинг) мебошад.

Шунавандагони курс дар ҷараёни омӯзиш аз сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва идоракунии он, аснодҳои меъёрию ҳуқуқии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, дастовардҳои нави илми педагогика ва психология, ҳифзи табиат, пешгирии бемориҳои сирояткунанда, тарзи ҳаёти солим, тарбияи таҳамулпазирӣ, шаклҳои ташкили фаъолияти методӣ баргузор намудани ҷаласаҳои иттиҳодияҳои методӣ банақшагирӣ ва

батанзимдарории фаъолити он, роҳу усулҳои таҳлили дарс ва ғайра маълумот мегиранд. Онҳо дар рафти курс аз роҳу воситаҳои техналогияи нави иттилоотӣ огоҳ шуда, роҳҳои истифода намудани онҳоро дар таълиму тарбия (таҳияи слайд дарс, лексияҳо бо воситаи проекторҳо, китобҳои электронӣ, филмҳои таълимӣ ва ғ.) меомӯзонанд

Дар маҷмӯъ мундариҷаи барномаи мазкур ба беҳтар гардонидани муҳити таълимии муассисаҳои таълимӣ ва боз ҳам хубтар ба роҳ мондани таҷрибаомӯзии омӯзгорони ҷавон, ташкили муназзами такмили ихтисоси омӯзгорон дар муҳити фаъолияти кори педагогӣ, ба роҳ мондани усулҳои гуногуни роҳбаладӣ (менторинг) ва малакаҳои касбии омӯзгорон равона шудааст

Шакли машғулиятҳо ; лексионӣ – амалӣ, амалӣ, семинар ва мубоҳисаҳо

Барнома аз сохтор сарсухан, мавзуъ ва мундариҷа ва адабиётҳои истифодашудаю тавсияшаванда иборат аст.

Бо сабаби васеъ истифода шудани воситаҳои нави иттилоотӣ шунавандагон дар ҷараёни курс маҳорати истифодаи ин воситаҳоро низ пайдо мекунад .Барномаи мазкур тарзе таҳия шудааст, ки он асосан ба методҳои интерактивӣ такя намуда, усулҳои таълимии гуногунро пешниҳод менамояд. Донистани усулҳои гуногун барои роҳбарони иттиҳодияи методии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳлил ва муқоисаи онҳо бо ҳамдигар ба роҳбарони иттиҳодияҳои методии омӯзгорони синфҳои ибтидоии имконият медиҳад, ки дар раванди кори худ тавонанд ин ё он усулро интихоб намуда, дониш ва малакаи худро дар ташкили кори иттиҳодияҳои методӣ баланд бардоранд ва мукаммал созанд.

Аз шунавандагони курс эҳтиромона хоҳиш карда мешавад, ки дар ҳолати зарурӣ фикру ақидаашонро нисбат

ба барномаи мазкур ба Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ирсол намоянд.

**Нақшаи**
**Тақвимии курси махсуси роҳбарони иттиҳодияҳои методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ**

| № | Қисматҳои барнома | Микдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| **1** | **Тахассус, такмили маҳорати касбӣ** | **6** | **2** | **4** |
| **1.1** | Банақшагирии кори иттиҳодияи методӣ Нақши иттиҳодияҳои методӣ дар рушдӣ касбии омӯзгорон | 4 | 1 | 3 |
| **1.2** | Вазифаҳои асосии иттиҳодияи методӣ омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар муассисаи таълимӣ. | 2 | 1 | 1 |
| **1.3** | Роҳбаладӣ. Вазифа ва ваколатҳои иттиҳодияҳои методӣ. Роҳҳои таъсиси иттиҳодияҳои таҷрибадорон. | 4 | 2 | 2 |
| **1.4** | Муносибати босалоҳият дар таълим ҷанбаҳои асосии татбиқи он. | 4 | 1 | 3 |
| **1.5** | Мушоҳида ва таҳлили дарс ва нақши он дар такмили омодагии касбии омӯзгорон синфҳои ибтидоӣ. | 4 | 1 | 3 |
| **1.6** | Роҳҳои такмили ихтисоси омӯзгорон дар сатҳи муассисаи таълимӣ | 4 | 1 | 3 |
| **1.7** | Ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи роҳбарони иттиҳодияҳои методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Таҳияи нақшаи фаъолияти иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидои | 4 | 2 | 2 |
| **1.8** | | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **1.9** | Роҳҳои омӯзиш,тарғиб ва итифодаи таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ | 4 | 1 | 3 |
| **2** | **Мавзуҳои иловагӣ (алтернативӣ)** | 6 | 2 | 4 |
| **2.1** | Ташкил ва гузаронидани натиҷагирии дониш,сифат ва самаранокии таълим бо усули тестӣ | 6 | 2 | 4 |
| **2.2** | Хадамоти методии мактаб ва мақоми он. Иттиҳодияҳои методии фаннӣ омили муҳими такмили тахассус ва рушди маҳорати касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ | 6 | 2 | 4 |
| **2.3** | Усулҳои фаъоли таълим. Бунёди муҳити омӯзиш ва истифодаи усулҳои инноватсионии таълимӣ хонишҳои буррову равон ва бошуурона дар раванди таълими синфҳои ибтидоии муассисаи таълимӣ. | 6 | 2 | 4 |

Эзоҳ; лекторҳо метавонанд дар раванди машғулиятҳо бо хоҳиши шунавандагон мавзӯъҳои иловагиро гузаранд.

## 1.Тахассус, такмили маҳорати касбӣ(36соат)

**Мавзуи 1.1. Банақшагирии кори иттиҳодияи методӣ. Нақши иттиҳодияи методӣ дар рушди касбии омӯзгорон.**

Банақшагирӣ, аксиомаҳои банақшагирӣ.Нақшаи дурнамо.Таҳлили фаъолияти методӣ. Муайян кардани норасоиҳо.Мақсаду вазифаҳои нақшаҳои кутоҳмӯҳлат ва дарозмӯҳлати методӣ. Равияҳои асоси фаъолияти методӣ. Ташкили коргоҳи эҷодӣ ё коргоҳи устоди моҳири доимоамалкунанда барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва дидактикии муассисаи таълимӣ Нақшаи солона .Таҳлили нақшаи солона. Мақсаду вазифаҳо дар соли таҳисли ҷорӣ. Омӯхтани таҷрибаи пешқадам. Ташаккули дараҷаи касбӣ. Кор бо мутахассисони ҷавон. Ташкили хазинаи маводҳои таҳияшудаи методӣ . Ҷамъомадҳои методӣ. Нақшаи иттиҳодияи методӣ дар рушди касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ

**Мавзуи 1.2. Вазифаҳои асосии иттиҳодияи методӣ дар муассисаи таълимӣ**

Нақши Иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар пешбурди фаъолияти таълимию тарбиявӣ. Муқаррароти умуии ташкили иттиҳодияи методӣ дар муассисаи таълимӣ. Иттиҳодияи методии сохтори хадамоти методӣ дар муассисаҳои таълимӣ. Самтҳои фаъолияти таълимӣ, тарбиявӣ, методӣ, таҷрибавию озмоишӣ ва корҳои беруназдсинфӣ аз руи фанҳо ва ё гурӯҳи фанҳо. Иттиҳодиҳои методӣ ва ҳайати омӯзгорони он. Шакл ва тартиби фаъолияти иттиҳодияи методӣ. Ташкил аз навсозӣ ва қатъ намудани фаъолияти иттиҳодияи методӣ дар муассисаҳои таълимӣ. Мутассадии ассосии пешбурди фаъолияти иттиҳодияи методӣ. Иттиҳодияи методӣ ҳамчун сохтори алоҳида дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Ташкили ҷараёни доимии такмили ихтисоси ҳайати омӯзгорони

муассисаҳо. Шаклҳои ассосии фаъолияти иттиҳодияҳои методӣ. Самаранокии фаъолияти иттиҳодияҳои методӣ Низоми фаъолияти иттиҳодияи методӣ аз тарафи маъмурияти муассисаи таълимӣ. Ҳуҷҷатгузории фаъолияти иттиҳодияи методӣ. Низомнома оид ба иттиҳодияи методӣ. Вазифаҳои хизматии ҳайати омӯзгорони иттиҳодияи методӣ. Хулоса ва таҳлили фаъолияти иттиҳодияи методӣ. Нақшаи корӣ оид ба мутахассисони ҷавон ва амалисозии он. Натиҷаи санҷиши дохилимуассисавӣ ва назорати сифати таҳсилот.Протоколҳои ҷаласаҳои иттиҳодияи методӣ Ҳуқуқҳои иттиҳодияи методӣ

**Мавзуи 1.3. Роҳбаладӣ. Вазифа ва ваколатҳои иттиҳодияҳои методӣ. Роҳҳои таъсиси иттиҳодияҳои таҷрибадорон.**

Роҳбаладӣ. Роҳбаладӣ ҳамчун модели самараноки такмили маҳорати касбии омӯзгорон. Роҳбалад кист; Мафҳуми роҳбалад ва роҳбаладӣ. Вазифа уҳдадорӣ ва ваколатҳои иттиҳодияҳои методӣ. Ҷараён ва тартиби роҳбаладӣ. Иттиҳодияи таҷрибадорон ва доираи фаъолияти он . Банақшагирии фаъолияти иттиҳодияҳои таҷрибадорон. Иштирок дар дарсҳо.

**Мавзуи 1.4. Муносибати босалоҳият дар таълим, ҷанбаҳои асосии татбиқи он**

Масъалаҳои назариявию амалии муносибати босалоҳият дар таълим. Мафҳуми муносибатӣ босалоҳият дар таълим, марҳилаҳои гузариш ба муносибати бо салоҳият дар таълим. Назарияҳое, ки ба ташаккули салоҳиятҳои хонандагон мусоидат мекунанд. Муқоисаи хусусиятҳои таълими анъанавӣ ва муносибати босалоҳият дар таълим.

Ташкили раванди таълими низоми синфӣ-дарсӣ. Мазмуну мундариҷаи методҳои шарҳӣ-аёнӣ дар раванди таълими низоми синфӣ-дарсӣ. Кори амалӣ бо ҷадвалӣ

муқоисавии хусусиятҳои фарқкунандаи таълими анъанавӣ ва муносибати босалоҳият дар таълим. Таҳлили талаботи стандарти фаннӣ, сохтор, самт, салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳо, ки талаботи асосӣ ба шумор меравад. Салоҳиятҳо ҳамчун асос барои арзёбӣ, мақсадгузорӣ ва банақшагирии раванди таълим. Маҷмӯи салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои салоҳиятҳои фанҳои алоҳида. Консепсияи ташаккули салоҳиятҳо. Шаклҳои гуногуни супоришҳои таълимӣ ва корҳои амалӣ

**Мавзуи 1.5. Таҳлили дарс ва нақши он дар такмили омодагии касбии омӯзгорони синҳои ибтидоӣ**

Мақсадҳои асосии таҳлили раванди дарс аз нигоҳи омӯзгор ва маъмурияти муассисаи таълимӣ.

Қолаби дарси муосир-мазмуну мундариҷаи онҳо. Ба миён омадани шубҳа ва нофаҳмиҳо дар дарс; имкони интихоб ва зарурати бештар андешидану мулоҳиза кардан. Ақида ва назариҳо барои таҳлили дарс. Нарасидани вақт барои таҳлил, надоштани хоҳиш барои таҳлил ва таҳлили дарс аз руйи қолабҳои фармоишӣ. Дарс нишондиҳандаи асосии фаъолияти омӯзгорӣ. Зарурати доштани малакаҳои таҳлили дарсҳо барои маъмурияти муассисаи таълимӣ ва роҳбарони иттиҳодияҳои методии муассисаҳо. Саривақт муқарар кардани норасогӣ ва расонидани ёрии методӣ ба омӯзгор бо мақсадӣ такмили маҳорати касбии ӯ. Таҳлили берунаи дарс. Зарурати худтаҳлилкунии омӯзгор ва худбаҳодиҳии ӯ ба фаъолияти касбӣ: худтаҳлилкунӣ нишондиҳандаи асосии рушди касбии омӯзгорон.

Таҳлили усулҳои таълим, тарзҳои фаъолгардонии хонандагон, самарнокии азхудкунии мавод. Сабабҳои аз нигоҳи физиологиву гигиенӣ ва педагогӣ таҳлил накардани машғулиятҳо. Намудҳои таҳлили дарс ва ҳадафҳои асосии он.

а) таҳлили дарс аз нигоҳи беҳдошти солимии хонандагон;

б) таҳлили ҷанбаи педагогии дарс;

в) таҳлили ҷанбаи психологии дарс

Таҳлили анъанавии дарс. Бартарӣ ва норасоиҳои схемаҳои анъанавии таҳлил.

Таснифоти анъанавӣ барои таҳлилҳамчун паҳлӯи ҷудогонаи дарс: психологӣ, педагогӣ, методӣ, физиологию гигиенӣ. Гузаронидани таҳлили комплексии дарс, бо назардошти талабот ва таҳлили ҷузъӣ (ягон паҳлӯ). Маҳдудият ва норасоиҳои таҳлили анъанавии дарс.

Меъёр - ченаки баҳо. Низоми арзёбии дониш, ҷорӣ намудани системаҳои муосири баҳогузорӣ. Характери сатҳӣ доштани меъёрҳо ва натиҷаҳои он. Ба инобат гирифтани сатҳи гуногуни таҷрибаи педагогӣ ва маданияти методологии ҳар як омӯзгор аз ҷониби назораткунандагон.

Мақсади иштирок ба дарс. Таҳлили дарс нишондиҳандаи касбияти омӯзгор, муовини директор ва роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ. Маҳорати истифодабарии нақшаҳои гуногуни таҳлили дарс аз тарафи маъмурияти мактаб. Таҳлили дарс аз мавқеи фаъолияти омӯзгор ва хонанда, аз ҷиҳати педагогӣ, психологӣ, методӣ, гигиенӣ ,фарҳангӣ ва ғайраҳо

**Мавзуи 1.6. Роҳҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар сатҳи муассисаи таълимӣ**

Роҳҳои таҳияи ҷадвали омӯзишҳо дар сатҳи муассисаи таълимӣ. Марҳилаҳои омодагӣ ва доир намудани омӯзишҳо дар муассисаи таълимӣ; Гузаронидани машғулиятҳо дар муассисаи таълимӣ; Расонидани кӯмакҳои роҳбаладӣ, мушоҳидаи дарс ва таҳлили натиҷаҳо. Ҷараёни мушоҳидаи дарс.

**Мавзуи 1.7. Ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи фаъолияти иттиҳодияи методӣ.** Таҳияи нақшаи **фаъолияти иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ**

Ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи фаъолияти иттиҳодияҳои методии синфҳои ибтидоӣ. Низомнома оид ба иттиҳодияи методии синфҳои ибтидоӣ. Вазифаҳои хизматии ҳайати омӯзгорони иттиҳодияи методии синфҳо ибтидоӣ. Марҳилаҳои асосии таҳияи нақшаи солонаи фаъолияти иттиҳодияи методӣ ва наҳшаҳои фардии аъзоёни он. Нақшаи намунавии фаъолияти иттиҳодияи методӣ аз тарафи маъмурияти муассисаи таълимӣ

**Мавзуи 1.8. Арзёбӣ дар системаи таҳсилот ва намудҳои он**

Арзёбӣ – раванди муайян кардани натиҷа ва дастовардҳои хонанда ва ё ба мақсади санҷидани мувофиқат вобаста ба талаботи меъёрҳои сифатии стандарт;

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳияи Консепсияи миллии арзёбии сифати таҳсилот гурӯҳи корӣ таъсис дода аст. Консепсия мазкур ҳадафи Стратегияи миллии рушди маорифи (СМРМ)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон то солҳои 2030-ро амалӣ намуда, имкониятҳои баробарии таълимро барои хонандагон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот фароҳам меоварад ва ба рушди қобилиятҳои инфиродӣ, аз ҷумла ташаккули тафаккури мантиқию таҳлилӣ (интиқодӣ) мусоидат мекунад. Консепсия зарурати бознигарии амалияи арзёбиро дар тамоми зинаҳои таҳсилот дар асоси таҷрибаҳои мавҷуда ва таҷрибаи беҳтарини байналмилалӣ эътироф мекунад. Тибқи Консепсияи мазкур, арзёбӣ дар сатҳҳои гуногун амалӣ карда мешавад:

1) **Арзёбии синфӣ;**
2) **Арзёбии мактабӣ;**

3) **Арзёбии миллӣ;**
4) **Арзёбии байналмилалӣ.**

**Мавзуи 1.9. Роҳҳои омӯзиш, тарғиб ва истифодаи таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ**

Омӯзиши таҷрибаи пешқадами роҳбарони иттиҳодияи методӣ. Омӯзиш ва баррасии таҷрибаи пешқадами роҳбарони иттиҳодияи методӣ. Иштирок ба дарсҳои омӯзгоро. Натиҷагирӣ. Таҳияи нақшаи омӯзиш ва тарғиби таҷрибаи пешқадами педагогӣ

**Мавзуҳои иловагӣ (алтернативӣ)**

**Мавзуи 2.1. Ташкил ва гузаронидани натиҷагирии дониш, сифат ва самаранокии таълим бо усули тестӣ аз фаннҳои таълимӣ дар синфҳои ибтидоӣ**

Усулҳои сохтани тестҳо. Тарзи гузаронидани имтиҳон ва ё санҷиш бо усули тестӣ. Натиҷагирии тест ва ё мониторинг. Тарзи омӯзиши хонандагон бо усули пуркунии варақаи тестӣ. Бартарияти назорати дониши хонандагон бо методӣ тестӣ

Тест, усули гузаронидани тест тақозои замон. Мақсади тест

Истифодаи санҷиши тестӣ. Гузаронидани тести ибтидоӣ. Тести ҷамъбастӣ - ба системадарорӣ, ҷамъбасти маводи таълим, санҷиши дониш, малака ва маҳорати бадаст омада. Эътимоднокӣ (то кадом андоза натиҷаҳои бадастомада боварибахш буда, тасодуфӣ нестанд). Объективӣ (мазмуни масъалаҳои тест асоси илмӣ дошта, барои арзёбии ҳаққонии дониш, малака ва маҳоратҳо). Навъҳои тест. Тести кушода. Тести пушида

**Мавзуи 2.2. Хадамоти методии муассисаи таълимӣ ва мақоми он, Иттиҳодияҳои методии фанни омили муҳимми такмили тахассус ва рушди маҳорати касбии омӯзгорон**

Хадамоти методии муассисаи таълимӣ. Сохтори хадамоти методии муассисаи таълимӣ. Кабинети методии муассисаи таълимӣ. Шӯрои методии муассисаи таълимӣ. Иттиҳодияҳои методии омӯзгорони фанҳо. Вазифаҳои хадамоти методии муассисаи таълимӣ. Объектҳои хадамотӣ методии муассисаи таълимӣ. Вазифаҳои хадамоти методӣ. Фаъолияти кабинети методии муассисаи таълимӣ. Шӯрои методӣ. Фаъолияти Шӯрои методӣ .

Нақшаи кори иттиҳодияҳои дохилимуассисавӣ. Маҳфилҳои фанни. Дарсҳои иловагӣ. Корҳои инфиродӣ. Омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами омӯзгорон. Ташкили табодули таҷриба ва худомӯзии омӯзгорон. Ёрии методӣ ба омӯзгорони ҷавону навкор оид ба омӯзиши усулу равишҳо ва техналогияи нави таълим. Баррасии ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳа бо омӯзгорон. Иҷрои барномаҳои таълимӣ. Ташкил ва гузаронидани ҳафтаҳои фаннӣ, даври аввали олимпиадаҳои фаннӣ озмунҳои касбӣ. Ташкил ва гузаронидани хонишҳои педагогӣ. Такмили маҳорати касбии омӯзгорон. Асноди меъёрию ҳуқуқии соҳа. Омӯзиши барномаҳои таълимӣ Таҳлили дониш ва маҳорати хонандагон. Ташкили корҳои беруназдарсӣ. Тавсияҳои методӣ.

**Мавзуи 2.3 (6 соат) Усулҳои фаъоли таълим. Бунёди муҳити омӯзиш ва истифодаи усулҳои инноватсионии таълими хонишҳои буррову равон ва бошуурона дар раванди таълими синфҳои ибтидоии муассисаи таълимӣ. Тақвияти малакаҳои хониш.**

Усулҳои фаъоли таълим. Маълумот оид ба усулҳои ғайрифаъол, фаъол ва интерактивии таълим. Фарқияти усулҳои интерактивии таълим аз усулҳои анъанавӣ. Технологияи усулҳои таълим Дарёфти роҳу усулҳои фаъоли таълим, истифодаи васеъи техникаи муосир дар раванди

таълим. Усулҳои инноватсионии таълими хонишҳои буррову равон ва бошуурона. Чиро, кай ва чи тавр таълим бояд дод. Усулҳои хониши намунавии омӯзгор. Хонишҳои такрорӣ, дунафара, гуруҳӣ, калонсол ба хурдсол, якҷоя, баробари матни сабтшуда, нақшофарӣ. Нақл ва хелҳои он .Истифодаи воситаҳои графикӣ. Бунёд муҳити омӯзиш. Унсурҳои муҳити омӯзиш (таҳсилоти фарогир, стратегияи тафриқа, идоракунии синф, муносибати мусбат, ҷалбкунии хонандагон ба дарс )

**Адабиёт**


1. Адабиёт Абдусамади Мулло, Кароматулло Ш. Сабақи дигар. Душанбе, Аржанг, 2009, 180 саҳ
2. Атахонов Т,Муллоев А.Фарҳанги истилоҳоти маориф, Душанбе, Аржанг, 2012
3. Дастури тавсиявӣ (замима ба маҷмӯи маводди методӣ оид ба тақвияти салоҳияти хониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ)Душанбе 2018
4. К.Исоев, Ф. Умарбек. Маводи омӯзишӣ барои китобдорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба тақвияти чорабиниҳо барои беҳтар намудани малакаҳои хониш дар синфҳои ибтидоӣ.Душанбе 2019
5. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2023
6. Консепсияи мактаби миллӣ. Душанбе 2000
7. Консепсияи милли таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2003
8. Консепсияи милли тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе. 2006
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” Душанбе 2013
10. Лейфман И.Ф Карточки для дифференқиванного контроля знаний. 1-10 частей. М:.2005
11. Лутфуллоев М.-Эҳёи педагогикаи тоҷик.-Душанбе 1997
12. Льюис Г. Менеджер-наставник. Стратегия раскрытия таланта ираспространения знаний/Пер. С англ, -М.: Амалфея
13. М.Азизова, Ф.Олимова ,Т Каримов,М Раҷабов. Дастур барои роҳбаладӣ ва дастгирии методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ оид ба ташаккули малакаҳои хониш(барои роҳбаладон).Душанбе 2018
14. М Зиёев, З Раҷабов, Ф.Олимова. Маводи методи оид ба тақвияти салоҳияти хониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ (барои омӯзгорон) Душанбе 2018
15. М. Зиёев З.Раҷабов, Ф.Олимова . Маводи методӣ оид ба тақвияти салоҳияти хониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ(барои омӯзгорон) Душанбе 2019
16. Майоров А.Н Мониторинг в образование. Интелект – Центр.М:2005;

17. Муллоев А Шодиев М. Ташкили ҷараёни таълим ва талабот ба дарси муосир, Деваштич, Душанбе, 2007,153 саҳ
18. Мухторов З ,Искандарова  Г Дастур барои тренорони барномаи “ Хониш ва китобат  дар рушди тафаккури интиқодӣ”-Душанбе, 2008
19. Мухторов З., Раджабов М. Стратеии развития критического мышления в школе. Пособие 1 для учителей английкого языка-Душанбе, 2008.
20. Мухторов З Раджабов М. Стратегии развития критического мышления в школе. Пособие 2 для учитилей английского языка-Душанбе, 2008
21. Нақшаи таълимии намунавии мактабҳои таҳсиоӯлоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон
22. Низомноммаи аттестатсияи кадрҳои педагогӣ.
23. Низомноммаи аттестатсияи муассисаи таълимӣ.
24. Низомномаи кабинети маркази методии мақомоти идорӣ  ва мақомоти худидории  маҳалии маориф дар системаи маълумоти иловагии педагогӣ (такмили ихтсос).
25. Низомномаи комитети падару модарон.2003
26. Низомномаи кор бо муаллимони ҷавон.2003
27. Низомномаи мактаби таҳсилоти умуии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2006
28. Низомномаи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ 1995.
29. Низономаи намунавии мутахассиси ҳифзи овони кудакии мақомоти идорӣ ва мақомоти амалии идораи маориф. 2002
30. Низомномаи шӯрои ҷамъиятӣ.2006
31. Низомномаи шӯрои методии муассисаҳои таълимӣ. 2002
32. Низомномаи шурои сарпарастон
33. Ҳ. Искандаров. Коргузорӣ ва Ҳуҷҷатнигорӣ (дастури методӣ).Душанбе.2005
34. Оинномаи муассисаи таълимии
35. Плахова Л.М. Как сделать хорошую школу. Изд. Психологический поиск. М: 2002
36. Примерная программа воспитания школьников.Душанбе.2004
37. Стандартҳои давлатии таҳсилот 2005
38. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол.Дастури методӣ.Зери таҳрири Сафин Д.В. ва Мусина .Р.